# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Омӯзиши назариявии бахшҳои забон бо тақвият додани фикр тавассути намуна ва далел аз осор ё асари алоҳида барои нишон додани ҳамбастагии вижагии назариявӣ ва корбурдию амалии қисматҳои забон шароит фароҳам меорад. Дар забоншиносии тоҷик мафҳуми истилоҳ ҳанӯз аз давраҳои пеш аз ислом пайдо шуда, дар осори мондагори олимону донишмандони тоҷик мариди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Як нуқтаро бояд тазаккур дод, ки то ҳол байни забоншиносон роҷеъ ба таърифи мушаххаси истилоҳот ва корбурди он назару андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Гузашта аз ин, масъалаи ба истилоҳ мансуб будани падидаҳои муродифот, ҳамгунагӣ ва сермаъноиву тазодӣ то ҳол ҳалли худро дар луғатшиносӣ наёфтааст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Нажмудинзода Рисолат Хайридин соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Забоншиносии компютерӣ” хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2016 ба ҳайси аспиранти ғоибона дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2023 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ ва аз соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 09.02.2016 с. № 69-05 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон қабул шуда, онро 27.01.2020 с. №29-05 хатм намудааст.

Кори диссертатсиони Нажмудинзода Рисолат Хайридин аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Назаре ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” номгузорӣ шудааст. Он масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуъро дар бар гирифта, оид ба таърихи ташаккули истилоҳоти пеш аз ислом то асрҳои миёна маълумот медиҳад. Боби номбурда 3 фаслро дар бар гирифтааст ва фасли аввали он “Ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик қабл аз ислом” ном дошта, андешаҳои илмии донишмандон вобаста ба мавзуъ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамчунин, таъсиррасонии доираҳои забоншиносӣ ва омехташавии истилоҳҳои забонҳои дигар баррасӣ мегардад.

Фасли дуюм “Нақши низоми грамматикии араб дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” унвон дошта, дар бораи ҷараёни муайян кардани вижагиҳо ва шаклҳои истилоҳот дар тартиби грамматикаи забони арабӣ баҳс мекунад. Фасли сеюм “Ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асрҳои миёна” ном дошта, дар он андешаҳои забоншиносони тоҷик дар бораи истилоҳот ва вижагиҳои маъноию сохтории он оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки “Гурӯҳбандии истилоҳоти забоншиносӣ” ном дорад, аз чор фасл иборат аст. Фасли якум “Истилоҳоти бахши савтиёт” ном дошта, дар он оид ба хусусият ва ҷиҳати овоии истилоҳоти бахши савтиёт маълумот дода шуда, вобаста ба истилоҳоти бахши савтиёт намунаҳои зиёде оварда шудааст. Фасли дуюм “Истилоҳоти бахши луғатшиносӣ” номгузорӣ шуда, оид ба пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти марбут ба луғатнигорӣ баҳс мекунад ва фасли сеюм “Истилоҳоти бахши сарф” ном дошта, дар ин фасл оид ба истилоҳоти бахши наҳв ва вижагиҳо дар корбурди онҳо баҳс меравад.

Боби сеюми диссертатсия, ки “Истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони муосир” номгузорӣ шудааст, 2 фаслро дар бар мегирад. Фасли якум “Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар даврони шуравӣ” ва фасли дуюм “Омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар даврони истиқлол” унвон дошта дар он оид ба истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони нави таҳаввул ва ташаккули забоншиносии тоҷик маълумот дода шудааст. Фасли дуюм дар навбати худ ба ду зерфасл ҷудо мешавад. Муаллиф дар ду зерфасли фасли дуюм марҳилаи навини инкишофи забоншиносии тоҷик дар даврони Истиқлол ва нақши Пешвои миллатро дар рушди забон ва илми забоншиносии тоҷик, ки хеле мондагор аст, нишон додааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва радабандии мавзуӣ, баррасии бахшҳои истилоҳот, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” кори анҷомёфта буда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 уми марти соли 2021 №3) ҷавобгӯ буда ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ

«03» январи 2025

Суроға: Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Ҳусейнзода 19, хонаи 10
Телефон: (+992) 918.68.19.70
E:mail:ghlo2018@mail.ru

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ

Суроға: Индекс 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
Кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: (+992)232.50.00
E:mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru

«04» январи соли 2025